**ХУЛОСАИ**

комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-039 ба диссертатсияи номзадии Сафаров Фируз Холназарович дар мавзуи «Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.11 - паразитология

Комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-039 дар назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар ҳайати доктори илмҳои ветеринарӣ, дотсент Сахимов М.Р., раис, номзади илмҳои биологӣ Манилова Е.А., аъзо ва Хоҷаев М.Ҷ., дотсент, аъзо дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-039 ва мувофиқи талаботи фасли 4-уми Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) тасдиқ гардидааст, ташкил карда шуд.

Комиссия дар асоси шинос шудан бо рисолаи номзадии Сафаров Фируз Холназарович дар мавзуи «Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.11- паразитология ва муҳокимаи он чунин хулоса намуд, ки он дар поён оварда шудааст.

Мавзуи рисолаи номзадии Сафаров Ф.Х. мубрам буда, дар он яке аз масоили муҳими соҳаи байторӣ, яъне омӯзиши фаунаи трематодаҳо, дараҷаи сироятёбии чорвои калон ва хурди шохдор вобаста аз синну сол ва фаслҳои сол дар минтақаҳо ва экосистемаҳои гуногуни Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ, муайян намудани зичии нармбаданҳо-соҳибони мобайнии трематодаҳо ва таҳияи системаи чораҳои мубориза бар зидди трематодозҳо мавриди муҳокима қарор гирифтааст.

Рисола дар ҳаҷми 155 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шуда, аз муқаддима, шарҳи адабиёт, хусусиятҳои табиию иқлимии мавзеи таҳқиқот, мавод ва усулҳои таҳқиқот, 16 бахши таҳқиқоти хусусӣ, муҳокимаи натиҷаҳои бадастомада, хулоса ва пешниҳодҳои амалӣ иборат мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда аз 285 номгӯй, аз ҷумла 38 асари муаллифони хориҷӣ иборат мебошад.

**Мақсади таҳқиқот** омӯзиши эпизоотология, биология, экология, ташхис, пешгирӣ, табобат ва таҳияи системаи чораҳои мубориза бар зидди трематодаҳо ва трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар минтақаҳо ва экосистемаҳои гуногуни Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ ба шумор меравад.

**Навгонии илмии рисола.** Бори аввал дар шароити Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ фауна ва паҳншавии трематодаҳои чорвои калон ва

хурди шохдор дар минтақаҳо ва экосистемаҳои гуногун муфассал таҳқиқ карда шудааст;

Дараҷаи сироятёбии чорвои калон ва хурди шохдор аз трематодаҳо вобаста ба синну сол, фасли сол, инчунин моно- ва полисироятёбӣ ин паразитҳо бо намояндагони дигар синфҳои гиҷҷаҳо ошкор гардидааст;

Зичии нармбаданҳо - соҳибони мобайнӣ (*Viviparus contectus, Limnaea auricularia, Lymnaea stagnalis, Lymnaea palustris, Planorbis planorbis, Lymnaea truncatula, Fruticicola fruticum*)-и трематодаҳо дар чарогоҳҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ муайян карда шудааст;

Бори аввал дар ҷумҳурӣ дар шароити озмоишгоҳӣ биологияи барангезандаи фассиолёз (*Fasciola hepatica*) омӯхта шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию-амалии таҳқиқот.** Вазъи эпизоотии трематодозҳои чорвои калон ва хурди шохдор дар шароити Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ вобаста синну сол ва мавсими сол дақиқ муайян карда шуда, дар асоси он дастурамали методии «Муолиҷа ва пешгирии гелминтозҳои кавшакунандагон (эпизоотология, ташхис, ва чораҳои мубориза)» таҳия гардидааст, ки онро Хадамоти назорати давлатии байтории Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2015 тасдиқ кардааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти хусусӣ дар раванди таълими фанҳои эпизоотология, асосҳои беҳдошти ветеринарӣ ва паразитологияи ветеринарӣ дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур истифода мешаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Саҳеҳият ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро таҳқиқотҳои озмоишӣ ва истеҳсолӣ, истифодаи усулҳои маъмул ва инчунин таҳлили омории натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот ба дастомада тасдиқ менамоянд. Хулоса ва тавсиҳои амалӣ ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқот асос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (бо шарҳ ва соҳаи таҳқиқот).** Соҳаи омӯзиш ба бандҳои 5.1 ва 5.5-и Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла байторӣ: аз рӯи ихтисоси 03.02.11 – паразитология мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии муаллиф:** Довталаб мустақилона маводи илмиро ҷамъоварӣ намуда, барои муайян намудани намудҳо, нишондиҳандаҳои сироятёбии чорвои калон ва хурди аз трематодаҳо вобаста ба синну сол ва мавсими сол, моно- ва полисироятёбӣ дар шароити Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ пешниҳодҳои амалӣ ва таҳияи дастурамали методӣ «Муолиҷа ва пешгирии гелминтозҳои кавшакунандагон (эпизоотология, ташхис, ва чораҳои мубориза)» истифода намудааст. Гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ, таҳлили натиҷаҳое, ки барои таҳияи кори рисолаи илмӣ ба даст оварда шудаанд, таҳти роҳбарии доктори илмҳои ветеринарӣ, профессор Розиқов Ш.Ш. иҷро шудаанд.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия**. Доир ба мавзуи рисола 6 мақола ва фишурдаҳои илмӣ нашр карда шуда, 3-тои онҳо дар маҷаллаҳои ба рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшуда ба табъ расидаанд.

Рисолаи номзадии Сафаров Фируз Холназарович ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) ҷавобгӯ мебошад.

Дар асоси таҳлил ва омӯзиши рисолаи номзадии Сафаров Фируз Холназарович комиссия тавсия менамояд:

1. Рисолаи номзадии Сафаров Ф.Х. дар мавзуи «Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.11 - паразитология дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-039 қабул карда шавад;

2. Барои омӯзиш ва баҳодиҳии рисола муқарризони расмӣ дар ҳайати:

- Аминҷонов Шерзод Мирабосович, доктори илмҳои ветеринарӣ, мудири озмоишгоҳи гелминтозоонозҳои Институти илмӣ-таҳқиқоти ветеринарии Ӯзбекистон (Самарқанд);

- Аҳмадов Нусратулло Азизбекович, номзади илмҳои биологӣ, ходими пешбари илмии озмоишгоҳи бемориҳои бахусус хавфноки чорвои Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Институти зоология ва паразитология ба номи Е.Н.Павловскийи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Раиси комиссияи ташхисӣ,
доктори илмҳои ветеринарӣ, дотсент — Сахимов М.Р.

Аъзои комиссия:
номзади илмҳои биологӣ — Манилова Е.А.
номзади илмҳои ветеринарӣ, дотсент — Хоҷаев М.Ҷ.

05.07.2024г